***ТДУ 371***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-94-98***

***ЗУДҲАРАКАТИИ МАҶОЗИИ ОМӮЗГОР***

***Абдуллоева Шаҳноза Абдуҷаборовна,*** *н.и.и., сармуаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии информатикаи МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ВИРТУАЛЬНАЯ МОБИЛЬНОСТЬ ПЕДАГОГА***

***Абдуллаева Шахноза Абдуджабаровна,*** *к.э.н., старший преподаватель общеуниверситетской кафедры информатики ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***VIRTUAL MOBILITY OF TEACHER***

***Abdullaeva Shakhnoza Abdujaborovna,*** *Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the all-University Department of Computer Science, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand) (Tajikistan, Khujand) fgai2012@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *зудҳаракатии маҷозӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, илму маориф, фаъолияти касбӣ, технологияҳои телекоммуникатсионӣ, иттилооти электронӣ, технологияи электронӣ-рақамӣ, манбаъҳои таълимии электронӣ.*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми таҳсилоти муосир бахшида шудааст. Дар раванди ислоҳоти соҳаи илму маориф ва таҷдиди босуръати он серғайративу тезҳаракатии омӯзгор дар шакли маҷозӣ низ нақши бориз дорад. Муаллифи мақола кӯшиш кардааст, ки шарҳи мушаххаси мафҳуми «тезҳаракатӣ, ғайратнокии маҷозии омӯзгор»-ро бо такя ба манбаъҳои илмиву тахассусӣ тавзеҳ диҳад. Зимни баррасии мавзуъ муҳаққиқ салоҳияти мутахассисонро дар ташкил ва таҳияи сарчашмаҳои таълимии электронӣ махсус таъкид мекунад. Аз ин лиҳоз, бояд тавассути зудҳаракатии маҷозӣ сермаҳсулӣ (сердаромад)-и фаъолияти касбӣ, афзоиши назарраси ҳосилнокии меҳнат дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба амал ояд. Тағйироти технологие, ки имрӯзҳо ба вуқуъ мепайвандад, ба дигаргунии амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оварда мерасонад.*

***Ключевые слова:*** *виртуальная мобильность, сфера экономики, наука, образование, профессиональная деятельность, телекоммуникационные технологии, электронная информация, электронно-цифровая технология, электронные образовательные ресурсы.*

*Статья посвящена очень важной проблеме современного образования – виртуальной мобильности педагога, которая в условиях реформирования образования, его модернизации играет большую роль. Автор статьи даёт конкретное разъяснение термина «виртуальная мобильность» и подчёркивает его значение в компетенции современных специалистов, в создании современных электронных образовательных ресурсов. Подчеркивается, что с этой точки зрения за счёт виртуальной мобильности должны быть достигнуты продуктивность (рентабельность) профессиональной деятельности, значительный рост производительности труда во всех сферах экономики. Технологические изменения, происходящие сегодня, приводят к глубоким социальным и экономическим изменениям.*

***Keywords:*** *virtual mobility, economics, science, education, professional activity, telecommunication technologies, electronic information, electronic digital technology, electronic educational resources.*

*The article is devoted to a very important problem of modern education - virtual mobility of a teacher, which plays a major role in the context of education reform and modernization. The author of the article gives a specific explanation of the term "virtual mobility" and emphasizes its importance in the competence of modern specialists, in the creation of modern electronic educational resources. It is emphasized that from this point of view, due to virtual mobility, productivity (profitability) of professional activity, a significant increase in labor productivity in all areas of the economy should be achieved. Technological changes occurring today lead to profound social and economic changes.*

Тақрибан то даҳсолаи охир тезҳаракатии маҷозӣ хеле суст инкишоф меёфт ва аз ин хотир, доираи маҳдуди мутахассисон ба он таваҷҷуҳ доштанд. Аммо имрӯз технологияҳои маҷозӣ дар ҳамаи бахшҳо – иқтисодиёт, илм, маориф ва фаъолияти ҳаррӯзаи инсон васеъ истифода мешаванд. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ зудҳаракатии маҷозӣ барои пешравии салоҳдиди мутахассисони муосир замина мегузорад.

Мафҳуми зудҳаракатӣ дар асри XX замони пайдоиши автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт, ки ба инсон имкони дар фазо ҷисман тез ҳаракат карданро медод, васеъ истифода мешуд. Бо пайдо шудани технологияҳои иттилоотӣ маънои зудҳаракатӣ хеле вусъат ёфт ва имрӯз таҳти мафҳуми тезҳаракатии

мутахассис бештар ғайратнокии маҷозии (виртуалӣ) ӯ фаҳмида мешавад. Ҳоло зудҳаракатӣ бештар ба тағйири (ҷойивазкунӣ) маҷозӣ дар фазо алоқаманд аст. Дар қаринаи фаъолияти касбӣ тезҳаракатии виртуалӣ дар як вақт қобилияти истифода намудан аз якчанд навъи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсиониро мефаҳмонад. Ин маҳорати истифодабарӣ аз маълумоти шабакаи ҷаҳонии Интернет, дар алоқа будан барои таъмини иштирок, мубодилаи маълумоти мубрам дар шабакаҳои мухталифи алоқаҳои ноқилӣ ва ғайриноқилӣ тавассути шаклҳои бисёргунаи робитаҳои маҷозӣ, ба монанди: E-mail, ICQ, Skype, Adobe, Talk Fusion ва монанди инҳо мебошад.

Тадриҷан силсилаи маълумотҳои электронӣ ба ҳайси узви ҷудонашавандаи ташкилот хизмат намуда, системаи асаби электронии он мегардад. Воситаҳои электрониро бештар барои ташкил кардани гурӯҳҳои маҷозӣ аз ҳисоби кормандони зерсохторҳои гуногун истифода мебаранд. Кормандон, новобаста аз масофаи байниҳамдигарӣ, тавассути шабака маълумотҳои мубрамро мубодила мекунанд, аз рӯйи ғоя ва мақсадҳои худ ҳамроҳ кор мекунанд. Бинобар ин, барои рухсатии кормандон ба сафари дур ё дарозмуддат эҳтиёҷ намемонад ва торафт аз байн меравад, тадриҷан усулҳои коғазӣ ба электронӣ гузаронида мешаванд. Ин тағйирот боиси аз кухнапарастӣ озод кардани кормандони зеҳнӣ мегардад ва барои равона кардани таваҷҷуҳ ва нерӯ ба ҳалли масъалаҳои нисбатан мушкил, ки назари эҷодӣ ва кӯшишҳои назарраси ақлониро талаб мекунанд, имконият фароҳам меорад. Ҳамчунин тариқи технологияҳои иттилоотӣ робитаҳои мустаҳкам афзуда, зиёдшавии сармояи зеҳнӣ ва дороиҳои ғайримоддии ширкатҳо ба вуҷуд меоянд.

Дарояндаи наздик он ширкатҳое, ки қобилияти азхудкунии технологияҳои маҷозиро доранд, ба пешравии иқтисодӣ ноил мегарданд. Воситаҳои электронӣ барои зуд қабул кардани қарорҳои дуруст ва амалҳои самарабахш мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, технологияҳои итилоотӣ торафт рушд намуда, ба ҳаёти инсон таъсири амиқ мегузоранд. Чунончи, таъсири онҳо баъзан аз ҷиҳати мусбат ва баъзан ба таври манфӣ ба мушоҳида мерасанд. Тазаккур бояд кард, ки ин навъи технологияҳо одатан манфиати бештарро доро ҳастанд. Бинобар ин, инкор кардани раванди технологӣ ва ё кӯшиши дасткашӣ аз он кори дурусту оқилона нест. Мо ба хотири зиндагии осудаву бароҳат, боамну солим ва ҷолиб ихтироъ мекунем. Маҳз дар компютерҳо бори аввал таҷрибаи серсоҳавӣ амалӣ гардидааст. Компютерҳои муосир имконият медиҳанд, ки дар як вақт бо якчанд замимаҳо кор кунем ва ин тартиб барои сарфаи назарраси вақти мутахассисон мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, бояд тавассути зудҳаракатии маҷозӣ сермаҳсулӣ (сердаромад)-и фаъолияти касбӣ, афзоиши назарраси ҳосилнокии меҳнат дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба амал ояд. Таҳсили анъанавӣ, ки ба истифодаи китобҳо асос ёфтааст, дорои қобилияти пешниҳод кардани маълумоти ҳаҷман хурд аст, дар қиёс ба он маводе, ки имрӯз дар манбаъҳои Интернет ҷойгир шудаанд. Дар ин маврид фалсафаи нави таълимоти бисёрҷанбавӣ ташаккул мёебад. Smart education ин таълими оқилона дар муҳити интерактивии таълиму тарбия бо фарогирии маҷмуи иттилооти тамоми ҷаҳон мебошад.

Омӯзиши уҳдабароёна (гиро) ин тавъамсозии муҳтавои китоб бо маълумоти таълимии маҷозиро дар назар дорад. Дар робита ба ин, масъалаи таҳияи сарчашмаҳои электронии таълимии гуногунҷабҳа, истифодаи манбаъҳои таълимии рақамӣ, ки дар системаҳои китобхонаҳои электронии бузург, ба монанди «КнигоФонд» ҷойгир аст, аҳамияти махсус касб мекунанд. Омӯзиши гиро на танҳо маводҳои бисёр пешниҳод мекунад, балки барои баланд бардоштани сифати таҳсили ба сатҳи байналмилалӣ ҷавобгӯ имконият фароҳам меорад [1].

Аз ҳама бештар озодии академии омӯзгор бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ хеле густарда амалӣ мегардад.

Фаъолияти таълимии гуногун мувофиқи усулҳои омӯзиши омӯзгор омода мегарданд. Самаранокӣ ва азхудкунии дониш аз тарафи донишҷӯ аз он вобастагии қавӣ дорад. Усулҳои таълими анъанавӣ ва муосир мавҷуданд, аммо на ҳама онро дарк мекунанд, ки принсипҳои онҳо чист ва кадом мушкилотро ҳал мекунад.

Дар низоми маориф ғайр аз усулҳои анъанавии таълим, навъҳои зерин босамар истифода мешаванд:

- низоми таҳсилоти фосилавӣ (НТФ);
- шакли таълими интерактивӣ дар реҷаҳои on-line ва of-line.

Яке аз усулҳои пешрафта, вале то охир татбиқнашудаи таҳсил ин таҳсили фосилавӣ мебошад. Технологияи таҳсили фосилавӣ хеле маъмул шудааст ва барои муҳассилин имкон медиҳад, ки маводҳои таълимиро дар вақти муносиб, дар ҷои мувофиқ, ба таври қулай ва омӯзиши дастрас, новобаста аз мавқеи зист, саломатӣ ва шароити иҷтимоӣ, аз худ кунанд.

Хусусияти асосии таҳсили фосилавӣ дар он аст, ки мутахассисони хоҳишманд метавонанд дар баробари фаъолияти меҳнатии худ омӯзиши фосилавиро низ муштарак намоянд. Аз ин рӯ, истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи маориф барои баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси ҳайати кормандон, ба тариқи курси бозомӯзӣ мувофиқи мақсад мебошад. Асоси технологии ҷараёни ҳозираи таҳсили фосилавиро шабакаҳои ахборотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва таъминоти барномавии автоматикунонии таҳсилоти фосилавӣ (Learning Management Systems – LMS) ташкил медиҳад.

Мақсади асосии дастгирӣ ва тараққии бозори ТФ инҳоанд: баланд бардоштани сифат ва сатҳи таълим, чи барои шахси алоҳида ва чи барои ҷамъият дар умум; таъмини талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ; таъмини бозори меҳнат бо мутахассисони босалоҳият ва ҳаматарафа тайёр; рушди фазои ягонаи таълимӣ дар минтақа, дар мамлакат ва дар ҷаҳон; амалигардонии иқтидори дохилии шахсият, зиёдкунии дониш, аккумулятсияи таҷрибаи маънавӣ ва интелектуалӣ.

Системаи таҳсилоти фосилавӣ аз рӯи якчанд нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад, ба монанди: вазъи ҷуғрофӣ (масалан, андозаи майдони кишвар, мавҷудияти минтақаҳои дур ва наздик, иқлим ва ба ҳамин монанд); сатҳи умумии компютерикунонӣ ва таъминоти ахборотии мамлакат; сатҳи тараққиёти воситаҳои нақлиёт ва хизматрасонӣ дар мамлакат; сатҳи истифодабарии технология ва хизматрасонӣ дар мактабҳои олӣ; мавҷудияти анъанаҳои миллӣ дар муҳити таълим; мавҷудияти кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар системаи таҳсилоти фосилавӣ ва ғайраҳо.

Усули пешрафта ин истифодаи технологияи Web дар таълим вебквест (webguest) ба ҳисоб меравад. Вебквестҳои барои ҳамҷоякунии ҳадди ақалли интернет дар низомҳои гуногун дар дараҷаҳои мухталифи таълим мавриди коркард қарор мегирад. Хусусиятҳои квестҳо дар он аст, ки мавод барои корҳои таълимӣ дар сайтҳои гуногун мавҷуд аст. Нақши асосиро дар ташаккули нерӯи дидактикии интернет веб квестҳо мебозанд, ки муҳассилинро омода менамоянд. Дар вақти истифодаи технологияи вебквест назди омӯзгор чунин вазифаҳо қарор доранд: супориши муфидро мухтасар ифода кардан, номгӯи манбаи маълумотиҳои муҳимро маслиҳат додан, нақшаи корҳоро дар мавзуи омӯзишӣ ва барои ба мавзуи нав гузаштан бояд чӣ корҳоро ба анҷом расонд рӯйхат кардан. Муҳассилин нақшаи омӯзиши маслиҳатдодашуда ва ҷустуҷӯи манбаъҳои навро тасниф мекунад, сарчашмаҳои маълумоту ахборро тадқиқ менамояд, ва саҳифаи Web-ро барои ҳисобот тайѐр менамояд. Ҳамин гуна сохтани манбаи нави ахбор барои омӯхтани низомҳои дигар заминаҳои мусоидеро фароҳам хоҳад овард. Дар назди таҳсилоти фосилавӣ яке аз вазифаҳои муҳим имконият додан ба истифодабарандагони интерфейси дар масофа буда маҳсуб меёбад. Таҳсилоти фосилавӣ ба дараҷаи кофӣ ба тамоми иштирокчиёни раванди таълими мазкур шароитҳои мусоидро фароҳам меорад. Ҳалли масъалаи мазкур бидуни истифодаи технологияи Web ва ташкили махсусгардонидаи портал ғайриимкон аст. Порталро бо номҳои замима, интерфейсҳои таъмин намудани персонифитсировӣ ва ба тартиб даровардашудаи ба истифодабарандагон шароит фароҳамоваранда унвон мекунанд.

Омӯзиши офлайнӣ – ин усули таълими анъанавӣ буда, донишандӯзиро бо истифодаи дохили девори муассисаи таълимӣ таъмин мекунад. Ба таълими офлайнӣ таҳсилоти мактабӣ, миёнаи касбӣ, таҳсилоти олӣ ё иловагӣ мансуб аст.

Одатан ин навъи машғулиятҳо пагоҳӣ оғоз меёбанд ва камаш 5 соат идома мекунанд. Ҳамчунин ба таълими офлайнӣ иштирок дар тренингҳо, таҳсил бо муаллим (дарсҳои иловагӣ), семинарҳое, ки барои азхудкунии малакаи махсус пешбинӣ шудаанд (масалан, омӯзиши забони хориҷӣ, курсҳои барномасозии компютерӣ ва ғайра), марбут мебошанд.

Вақти саршавии дарсҳо аз ҷониби муаллимон муқаррар гардида, давомнокии онҳо одатан 1, 5 - 3 соатро ташкил медиҳад.

Таҳсили онлайнӣ яке аз роҳҳои азхудкунии дониш маҳсуб ёфта, дар ҷараёни таълим истифодаи гаҷетҳои гуногуни электрониро (компютер, телефон ва ғ.) бо дастрасӣ ба интернет дар бар мегирад.

Ба туфайли ин шакли таҳсил, бидуни тарк кардани хона дарс хондан имкон дорад. Бо ин роҳ, метавон ҳам таҳсилоти мактабӣ ва ҳам маълумоти касбӣ гирифт. Ин намуди таълимро асосан интихоб мекунанд:

- хонандагоне (ё донишҷӯёне), ки бинобар вазъи саломатӣ ба муассисаҳои таълимӣ рафта наметавонанд;
- хонандагоне, ки дар маҳалҳои дурдаст истиқомат мекунанд ва ба муассисаи таълимӣ омада наметавонанд.

Ҳамзамон таҳсили онлайнӣ таълими иловагии касбиро низ дар бар мегирад. Донишҷӯёни курсҳои бозомӯзии касбӣ бинобар фурсати холӣ надоштан барои омӯзиш дар муассисаи таълимӣ ин навъи таҳсилро интихоб мекунанд.

Ду фарқи асосӣ байни таҳсили онлайнӣ ва офлайнӣ мушоҳида мешавад:

- омӯзиши офлайнӣ ҳамеша дар як вақт ҷараён мегирад, ки ба таври қатъӣ муайян карда мешавад. Дар омӯзиши онлайнӣ бошад, вақти машғулиятро донишҷӯ бо назардошти фурсати муносиби худ муайян мекунад;
- масъулияти таҳсили хонанда дар омӯзиши офлайнӣ ба дӯши омӯзгорон вогузор гардидааст, дар ҳоле ки дар омӯзиши онлайнӣ баръакс мебошад: масъули сифати раванди омӯзиш ба худи хонанда ё дар мавриди омӯзиши оилавӣ ба волидони ӯ гузошта мешавад.

Дар маҷмуъ, давраи минбаъдаи рушди инсоният ба муттаҳидии ҷаҳони воқеӣ ва маҷозӣ низ пайванд мегардад. Бешубҳа, тағйироти технологие, ки имрӯзҳо ба вуқуъ мепайвандад, ба дигаргунии амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оварда мерасонад. Технологияҳои анъанавии охири асри XX, ки аз ҷиҳати ҷойгиркунии мавод ва ғунҷоиши энергия, таъсиррасонии манфӣ ба муҳити атроф фарқияти калон дорад, дар гузашта мемонад [5].

Истеҳсолот аз ҳисоби маводҳои нав ва иттилоотонии раванди бизнес (корчаллонӣ) ба фанноварихои баланд ноил мегардад. Умуман, ба туфайли бисёрфунксоналӣ, серсоҳавӣ, зудҳаракатии маҷозии мутахассисон, синергетикаи ширкатҳои инноватсионӣ, сермаҳсулии назарраси фаъолияти касбӣ афзуншавии қатъии самаранокии меҳнат дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба вуҷуд меояд.

## АДАБИЁТ:


1. Биктуганов, Ю.И. Профессиональная мобильность педагога. Учебное пособие. – Екатеринбург, 2016.-120с.
2. Дмитриева, Н.К. Академическая мобильность как личностное качество субъектов образовательного процесса // Непрерывное образование: XXI век. 2013. № 4. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/akademiche skaya-mobilnost-kak-lichnostnoe-kachestvo-subektov-ob razovatelnogo-protsessa.
3. Крючкова, К.С. Виртуальная академическая мобильность будущих учителей в условиях модульного обучения в высшей школе. ФГБОУ ВО «Волгоградский государственный социально-педагогический университет» г. Волгоград,
4. Проскура О.В., Герасимчук И.Ю. Понятие мобильности. Виды мобильности. Академическая мобильность//Вестник ЧелГУ. 2014. №13 (342). URL: https: //cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-mobilnosti-vid y-mobilnosti-akademicheskayamobilnost.
5. Раҳмонов, З.А. Махсусиятҳои таҳсилоти фосилавӣ дар замони муосир. Маводи семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Таҳсилоти фосилавӣ» бахшида ба 25-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ З.А.Раҳмонов.-Хуҷанд-2016.С.91-93
6. Савинов Т. Т. Информационные технологии в сфере образования: учеб. пособие. — М.: Изд. центр «Академия», 2003.
7. Сахапов, Р.Л., Абсалямова С.Г., Абсалямов Т.Б. Виртуальная мобильность как фактор повышения качества и доступности образования // Вестник ЧГПУ им. И.Я. Яковлева. 2016. № 3 (91). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/virtualnaya-mobilnost-ka k-faktor-povysheniya-kachestva-i-dostupnosti-obrazova niya.
8. Солдаткин, В.И. Преподавание в сети Интернет: Учебное пособие/Отв.редактор -М.:Высшая школа, 2003.-792 с.
9. Тыртый, С.А. Формирование виртуальной мобильности преподавателя высшей школы в процессе повышения квалификации: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. Ростов-на-Дону: Педагогический институт ЮФУ, 2009. 29 с.
10. Черныш М.Ф. Социальная мобильность / М. Ф. Черныш // Социальная энциклопедия: в 2 томах. Москва: Мысль, 2003. Т. 2. С. 457–458.


## REFERENCES:


1. Biktuganov Yu.I. Professional mobility of a teacher. Tutorial. Ekaterinburg - 2016, 120 pages.
2. Dmitrieva N.K. Academic mobility as a personal quality of subjects of the educational process // Continuing education: XXI century. 2013. No. 4. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/akademiche skaya-mobilnost-kak-lichnostnoe-kachestvo-subektov-ob razovatelnogo-protsessa.
3. Kryuchkova K.S. Virtual academic mobility of future teachers in the conditions of modular training in higher education. Federal State Budgetary Educational Institution of Higher Education "Volgograd State Social and Pedagogical University" Volgograd, Volgograd Region

4. Proskura O.V., Gerasimchuk I.Yu. The concept of mobility. Types of mobility. Academic mobility // Bulletin of ChelSU. 2014. No. 13 (342). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-mobilnosti-vid y-mobilnosti-akademicheskayamobilnost.
5. Rahmonov, Z.A. Peculiarities of distance education in modern times. Materials of the republican scientific-practical seminar "Distance Education" devoted to the 25th anniversary of the independence of the Republic of Tajikistan/ Z.A. Rahmonov-Khujand-2016. P.91-93
6. Savinov T. T. Information technologies in the field of education: textbook. allowance. - M.: Publishing house. Center "Academy", 2003.
7. Sakhapov R.L., Absalyamova S.G., Absalyamov T.B. Virtual mobility as a factor in improving the quality and accessibility of education // Bulletin of ChSPU im. AND I. Yakovleva. 2016. No. 3 (91). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/virtualnaya-mobilnost-ka k-faktor-povysheniya-kachestva-i-dostupnosti-obrazova niya.
8. Soldatkin V.I. Teaching on the Internet: Textbook / Responsible editor - M.: Higher school, 2003. - 792 p.
9. Tyrty S.A. Formation of virtual mobility of a higher school teacher in the process of advanced training: Abstract of thesis. dis. ...cand. ped. Sci. Rostov-on-Don: Pedagogical Institute of Southern Federal University, 2009. 29 p.
10. Chernysh M.F. Social mobility / M. F. Chernysh // Social encyclopedia: in 2 volumes. Moscow: Mysl, 2003. T. 2. P. 457–458